**Иқтибос ва Протоколи № 1**
ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

аз 29 августи соли 2023 ш. Хуҷанд

Иштирок доштанд: мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалӣ н.и.ҳ., дотсент Самадов Б. О., д.и.ҳ., профессор Сангинзод Д. Ш., н.и.ҳ., дотсент Тоҷибоев Ш. А., н.и.ҳ, профессор Болтуев С. Ш., н.и.ҳ., дотсент Ҳомидова М. Ф., н.и.ф., муаллими калон Давлятова Ч. А., муаллимони калон Рофиева А. Ҳ., Ахмедов Г. Д., Юсупова М. А., Атаев А. А., Ғафурова Б. Д., Амонов А. Ҷ., ассистент Мирпочоева М. З., унвонҷӯй Майнусова З. М. ва ассистент-коргузори кафедра Абдувоҳидов М. Р.

**РӮЗНОМА:**

Оид ба баррасӣ ва тасдиқи рисолаи диссертатсионии унвонҷуйи кафедра Майнусова Зарнигор Маҳмудовна дар мавзӯи “Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дарҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждан; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

**Раискунанда:** Рисолаи диссертатсионии Майнусова Зарнигор Маҳмудовна дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” якчанд маротиба дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон муҳокима карда шудааст. Диссертатсияи пешниҳодгардида дуруст тартиб дода шудааст ва мазмуни он ба ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат менамояд.

**Роҳбари илмӣ** – Сангинзод Дониёр Шомаҳмад доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, дар вазифаи муовини ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ оид ба корҳои илмӣ фаъолият менамояд.

**Раискунанда:** Сухан барои баёни муҳтавои асосии диссертатсия ба унвонҷуй дода мешавад. Барои сухронӣ то 15 дақиқа оид ба баёни муҳтавои диссертатсия дода мешавад.

**Диссертант Майнусова Зарнигор Маҳмудовна:** Ташаккури зиёд! Муҳтарам раискунанда, муҳтарам устодон!

Ба диққати Шумоён муҳтавои диссертатсияи худро барои дарёти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшинносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар мавзӯи "Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" пешниҳод менамоям.

Мубрамии мавзӯи таҳқиқот. Ҷараёнҳои ҷаҳонии табодули рақамӣ мунтазам суръат гирифта, соҳаҳои нав ба нави фаъолияти инсониро фаро мегиранд. Инчунин рушди технологияҳои наву пешрафта босуръати баланд амалӣ шуда истодааст, ки истифодаи дурусти онҳо рақобатнокии миллиро дар асри XXI муайян менамояд. Тамоюли ивазшавии қолабҳои рақамӣ мушоҳида карда мешавад: агар қаблан кишварҳои пешрафта табодули рақамиро дар доираи соҳаҳои алоҳида баррасӣ менамуданд, пас имрӯз иқтисоди миллии кишварҳои тараққикарда пурра ба роҳи рақамӣ мегузарад. Ин тамоюли нав асоси ҷараёни рақамикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад. Мувофиқи арзёбии ҳисоботи ҷаҳонии Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ аз рӯи рушди технологияи иттилотию комуникатсионӣ соли 2016 Тоҷикистон аз рӯи сатҳи таъсири технологияҳои рақамӣ ба бизнес-моделҳои нав дар байни 139 кишвар дар ҷойи 103-ум ҷой дорад. Мувофиқи арзёбии ҳисоботи ҷаҳонии Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ оид ба рақобатнокии иқтисодиёти соли 2018 Тоҷикистон аз рӯи нишондиҳандаи хариди давлатии маҳсулоти пешрафтаи технологӣ дар байни 137 кишвар ҷойи хеле баланди 26-умро ишғол менамояд. Бахши рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин дар зинаи тавлид қарор дорад. Ин ҳолат низ бо амалан мавҷуд набудани дастрасии соҳибкорон ба алоқаи фарохмавҷ вобаста мебошад, ки рушди ҷараёни инноватсияро дар кишвар бозмедорад. Камтар аз 1% корхонаҳои мавҷуда хизматрасониҳои рақамиро пешниҳод менамоянд. Бо ҳамин сабаб амалан корхонае вуҷуд надорад, ки маҳсулоти иттилооти рақамӣ ва воситаҳои алоқа истеҳсол намояд, ки ин аз ҷумла ба мураккабии гирифтани иҷозатнома барои истеҳсоли аудио-видео контент алоқаманд мебошад.

Дар ин асно Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ санаи 26-уми декабри соли 2019 такид намуда буданд, ки: "Ҳукумати кишвар вазифадор карда мешавад, ки минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, бо истифода аз

технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа диҳад. Шиддат гирифтани рақобати тиҷоратӣ миёни кишварҳо моро вазифадор месозад, ки дар самти пешгӯии хавфҳо ва коҳиш додани таъсири онҳо ба иқтисоди миллӣ, инчунин, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ тадбирҳои зарурӣ андешем".

Дар асоси Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 дар соли 2015 вазни қиёсии аҳолие, ки суратҳисобҳои бонкӣ доранд, танҳо 26,3 фоизро ташкил медиҳад. Дастрасӣ ба суратҳҳисобҳои истифодаи фосилавӣ, яъне кортҳои пластикӣ (14,7 фоиз), тариқи шабакаи интернет ва ё интернет-бонкинг (0,2 фоиз), тавассути алоқаи мобилӣ (0,3 фоиз) боз ҳам пасттар мебошад. Аз ин рӯ, баҳри баланд бардоштани саводнокии молиявии шаҳрвандон доираи хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷумла тавассути воситаҳои фосилавӣ: шабакаи интернет, алоқаи телефонии мобилӣ ва бонк-муштарӣ бояд васеъ гардад.

Дар баробари ин зикр намудан зарур аст, ки дар муқарароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба истиснои муқаррароти умумии моддаи 566 – фурӯши мол тибқи намунаҳо) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2004, № 72 "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" меъёри мушаххас оид ба савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ҷой надорад. Дар ҳолате, ки ин санадҳои заминавӣ меъёри мушаххасро оид ба садои фосилавӣ муқаррар намекунанд, дар цисми 4-и моддаи 513 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки савдо (аз ҷумла савдои электронӣ) дар шакли музояда, озмун ё шакли дигари муsаррарнамудаи қонун, гузаронда мешавад. Ё инки дар асоси қисми 2, моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2013, № 943 "Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ" субъектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ ҳангоми ташкил ва амалӣ намудани фаъолияти худ ҳуқуқ доранд шакли савдо (дар объектҳои доимии савдо, берун аз объектҳои доимии савдо, аз ҷумла ярмаркаҳо, намоишҳо, дастифурӯшӣ, усули фосилавии фурӯши мол, фурӯши мол бо истифодабарии автоматҳо, дигар шаклҳои савдо)-ро мустақилона муайян намоянд. Дар баробари ин санаи 24 декабри соли 2022 таҳти № 1921 қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи савдои электронӣ" дар баробари Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон номукамаливу номутобиқатии меъёрҳои қонунро ба муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бавуҷуд

овард. Масалан набудани муқарароти мушаххас оид ба шартномаҳои алоҳида оид ба савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи савдои электронӣ” номгузории умумии он ҳамчун “Аҳди электронӣ”, дар Қонун ба ҳайси иштирокчии савдои электронӣ нишон дода шудани фурӯшанда, харидор, миёнарави иттилоотӣ ва миёнаравони дигар, ки дар ташкил ва амалисозии савдои электронӣ иштирок ё ба иҷрои он мусоидат менамоянд, аммо набудани муқаррароти мушаххас оид ҳолати ҳуқуқии онҳо ва ғайра.

Аз ин рӯ, таҳлилу баррасии танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар шароити муосир дар сатҳи дисссертатсионӣ дар Тоҷикистон мубрам арзёбӣ мегардад.

Натиҷаи таҳқиқот дар 2 монография, 12 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

Дар хулоса бояд қайд намоям, ки диссертатсияи пешниҳодгардида якчанд маротиба дар ҷаласаҳои кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон муҳокима карда шуда, эродҳои аз тарафи устодон пешниҳодшуда, бартараф гардонида, вобаста ба ин маълумотҳои дахлдор пешниҳод гардидаанд. Дар натиҷа хулоса дода шуд, ки диссертатсияи пешниҳодгардида дуруст тартиб дода шудааст ва мазмуни он ба ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат менамояд.

Ташаккур ба диққататон!

**Раискунанда:** Ташаккури зиёд. Чи гуна саволҳо ба диссертант дода мешавад? Саволҳо пешниҳод нагардиданд.

**Раискунанда, сухан ба роҳбари илмӣ, д.и.ҳ., профессор Сангинзод Д. Ш.** дода мешавад. Профессор Сангинзод Д. Ш. дар баромади худ қайд намуд, ки унвонҷуй таҳти роҳбарии ман дар мавзуи ‘Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳқиқот гузаронида, дар натиҷа зиёда аз 17 мақолаҳои илмӣ, 2 монография ба табъ расонида, дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқот бо маърузаҳо баромад намудааст.

Эродҳои аз ҷониби устодони кафедра пешгузошта пурра ба назар гирифта шуда, диссертатсия аз тарафи унвонҷуй такмил дода шудааст. Бинобар ин, таклиф карда мешавад, ки диссертатсияи пешниҳодгардида барои ҳимоя намудан иҷозат дода шавад.

Ҳамин тавр, бо асосҳои овардашуда, дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии ДДҲБСТ,

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи унвонҷуйи кафедра Майнусова Зарнигор Маҳмудовна дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, таҳти роҳабри илмӣ д.и.ҳ., профессор Сангинзод Д. Ш. таҳқиқоти ба анҷомрасида ҳисобида шуда, он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқ буда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй дониста шавад.

2. Диссертатсияи унвонҷӯй Майнусова Зарнигор Маҳмудовна барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия карда шавад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Ба овоз монда мешавад: “тарафдор” – 13 нафар, “зид” - нест, “бетараф” - нест, қарор якдилона қабул карда шуд.

Раисикунанда:
Мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент — Самадов Б. О.

Котиб:
Ассистент-коргузори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, — Абдувоҳидов М. Р.

Имзоҳои н.и.ҳ., дотсент Самадов Б.О. ва Абдувоҳидов М.Р.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон — Мирпоччоев И. Ҳ.

29.08.23

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи 1. ДДҲБСТ
тел: +992 (3422) 2 38 11 www.tsulbp.tj